# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Дар шароити кунунии ҷомеаи иттилоотӣ ва ба ҳам наздикшавии фарҳангҳо низоми маориф ба масъалаи рушди салоҳиятҳои хонандагон таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамояд. Аз ин рӯ, самти афзалиятноки фаъолияти соҳаи маориф таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудан ба сифати таҳсилоти миёна ба василаи фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи стандартҳои таълим мебошад.

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба куллан баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот дар Тоҷикистон равона гардидааст. Мувофиқи талаботи стратегияи мазкур бояд барои баланд бардоштан, ташаккул ва рушди принсипҳои ахлоқӣ, гоявӣ ва психологии шахс, муҳайё намудани имкониятҳо барои рушди инсон, ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоию касбии он тамоми шароит фароҳам оварда шаванд.

Маълум аст, ки таҳсилоти анъанавӣ бештар ба интиқоли дониш ва ташаккули маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳо диққат медод. Ин боиси он мегардид, ки хатмкардагони муассисаҳои таълимӣ ба дониши хуби назариявӣ соҳиб гарданд ҳам, аммо малакаҳои ҳаётиашон на онқадар инкишоф меёфт. Айни замон, роҳи дурусти ҳалли мушкилот татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим, истифодаи оқилонаи технология ва усулҳои муосир, омодагии педагогии омӯзгор ба раванди дарс маҳсуб меёбад.

Истифодаи технологияҳои педагогӣ дар самти инкишофи малакаҳои амалии хонандагон дар ҳалли мушкилоти мавҷуда саҳми босазо гузошта, ба рушди қобилияти хонандагон, дараҷаи сифатнокӣ ва ба талаботи рӯз ҷавобгӯ будани таълим ва умуман таҳсилот, шароити мусоид фароҳам меоварад.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи рисолаи илмии мазкур саривақтӣ буда, барои ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагон нақши бориз дорад. Бар замми ин, синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим, ки хонанда на танҳо меҳвари донишу фаҳмиш, балки одобу ахлоқу тамиз ва салоҳияти иртиботиро биёмузад. Бино бар ин, диссертант дар заминаи таҷриба ва озмоишҳо собит сохтааст, ки Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим яке аз омилхои асосии худшиносӣ ва такмили ҷаҳонбинии хонандагон махсуб мегардад.

Дар рисола дараҷаҳои пажуҳиши илмии мавзуъ ва сайри таърихии он, ташаккули малака ва маҳорати муошират дар заминаи технологияҳои самарабахши педагогӣ, олимони бурунмарзӣ ва ватанӣ, ки дар ин самт корҳои муҳиммеро ба сомон расонидаанд, таҳқиқ гардидааст.

Муҳаққиқ, зимни дараҷаи илмии пажуҳиш салоҳиятнокиро ба ду ҷанба: салоҳиятмандии омӯзгор ва салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҷудо намуда, баҳри тақвияти он ба андешаҳои олимон ишора менамояд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Натиҷаи дар раванди таҳқиқот ба даст омада паҳлуҳои мубрами асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоиро бо истифода аз методҳои фаъоли таълим дар бар гирифта, ҳамчун сарчашмаҳои назариявии таҳқиқот хизмат мекунад. Диссертатсия мавқеи истифода аз методҳои фаъоли таълимро дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ҳамчун заминаи бунёдӣ-методологии

ташаккули салоҳиятмандӣ ишора менамояд. Роҳу равиши вусъатбахшии салоҳияти иртиботӣ, муоширати хонандагони синфҳои ибтидоӣ, чун омили боэътимоди рушди салоҳияти иҷтимоӣ дар зинаи ниҳоии таҳсилот- синфҳои ибтидоӣ мавриди ҳаллу фасл қарор гирифтааст.

Асоси методологии таҳқиқотро принсипу усулҳои умумиилмӣ: принсипҳои мунтазам, маҷмӯӣ, таърихӣ, принсипҳои илова ва бардавомӣ, муносибати субъективию фаъолиятӣ, усулҳои илмӣ ва ғайра ташкил намуда, асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқотро корҳои илмию таҳқиқотии олимони шинохтаи ватанию хориҷӣ, ки ба паҳлӯҳои гуногуни мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бахшида шудаанд, аз он ҷумла, силсилаи дастурҳои методӣ ва мақолаҳои илмӣ-методии муҳаққиқон оид ба роҳу усулҳои фаъоли таълим ва татбиқи муносибати босалоҳияти иҷтимоӣ дар таълим ташкил медиҳанд.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот дар асоси ҳамкории амалии бевоситаи муҳақиқ бо объекти таҳқиқшаванда: таҳияи барномаи таҳқиқот, ташкили мушоҳида ва гузаронидани озмоиш, тавсиф ва натичагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, тасниф ва ҷамъбасткуни бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ-арзёбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмӣ, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои микдорӣ дар шакди маълумоти оморӣ ва коркарди дурусти онҳо дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ рӯйи кор омадаанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад:

- манфиатнокии методҳои фаъоли таълим ва муносибати инноватсионӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ошкор карда шуд;

- технологияи нав барои ворид намудани барномаҳои давлатӣ дар мутобиқат ба китоби дарсӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- истифодаи методҳои фаъоли таълим дар шароити вариантивии мазмуни таҳсилот, муносибати тафриқавӣ ба барномаҳои таълимӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

- коркарди тавсияҳо барои роҳбарон ва омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагон.

Таркиб ва сохтори рисола аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, манбаъ ва ҳадафи пажуҳиш, фарзияҳо ва мархилаҳо, асоси назариявӣ ва амалӣ, роҳу усулҳои таҳқиқ муназзам гардидааст, ки то кадом андоза аз ҳаллу фасли мавзуъ дарак медиҳад.

Пойгоҳи таҳқиқот, ки диссертант бевосита озмоиш гузаронида ва баъзан ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ аз соли 2015 то 2018 дар ноҳияи Рӯдакӣ фаъолият намудааст, усулҳои фаъолро дар ҷараёни дарсҳои синфҳои ибтидоӣ ҷиҳати ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагон татбиқ намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар конференсияҳои илмӣ, семинарҳои илмию методӣ, ҷаласаҳои иттиҳоди методии синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод ва мавриди баррасӣ қарор додааст, ки тавсиб ва тасдиқи худро дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва маҷмӯи маводи конференсияҳо дар шакли мақола ва фишурдаҳои илмӣ ба табъ расонида, дар конференсияҳои илмию амалӣ дар Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ироа шудаанд, аз он башорат медиханд. Зикр кардан ба маврид аст, ки рисолаи илмӣ дар заминаи таҷриба ва собиқаи корӣ ба миён омадааст. Ин албатта, дастоварди хуби диссертант мебошад.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф ҳамчун омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ҳар боб аз 3 зербоб, хулосаи боби якум, хулосаи боби дуюм, хулосаи умумӣ, ду анкета, 16 таблитса, рӯйхати адабиёт, 7 пешниҳод иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 180 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар боби аввали рисола "Истифодаи методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳиятхои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ" масъалаҳои назариявӣ ва методологии мавзуи таҳқиқотӣ арзёбӣ гардидааст, ки он ба иҷрои корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ҷавобгӯй аст.

Муаллиф аз таҳқиқотҳои олимони кишварҳои дигар хеле хуб истифода бурда, ба усули таҳлилу муқоисакунӣ арзишмандии онҳоро дар кори худ таъкид намудааст.

Ҷанбаҳои мухталифи мавзуъ, ба монанди технологияи таълими интерактивӣ дар ташаккули салоҳиятнокии иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ташкили фаъолияти инноватсионии иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таълим, ташаккул додани маданияти зеҳнӣ-маърифатӣ ва иҷтимоишавии характери инсон дар Стандарти синфҳои ибтидоӣ ва дигари он мавриди таҳқику баррасӣ қарор дода шудаанд. Алалхусус, паҳлӯҳои гуногуни ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳлил намуда, роҷеъ ба ин масъала нуқтаи назари олимон ва муҳаққиқони тоҷик М. Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, И.Х.Каримова, А.М.Миралиев, Ш.А.Шаропов, Х.М.Сабурӣ, Б.Маҷидова, Л.Иматзода ва дигаронро бо овардани иқтибос аз асарҳои илмиву методӣ пешниҳод намудааст.

Дар таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ ва таҷрибаи пешқадами олимони ватанию хориҷӣ ҳамчун сарчашмаи маълумот мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Инчунин, диссертант

қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”-ро муҳим арзёбӣ намуда, дар он зикр гардидани вазифаи падару модар, омӯзгор, давлат ва ҷомеа дар таълиму тарбияи фарзанд, баробарҳуқуқӣ ва уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзандро хеле муҳим мешуморад.

Дар боби дуюми рисола “Методҳои фаъоли таълим ва фаъолияти инноватсионӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ” номгузорӣ гардида, дар ҳаҷми се зербоб ҳаллу фасл гардидааст.

Дар ин қисматҳо муҳаққиқ доир ба гузаронидани мониторинги сифати таълим, беҳтар гардонидани омодагии умумии хонандагонро тавассути муайян намудани мушкилот ва корҳои мақсадноки ислоҳнамоӣ муҳим шуморида, дар назди худ, ҳамчун омӯзгор ва муҳаққиқ **вазифаҳои** зеринро мегузорад:

- муайян намудани дастовардҳои хонандагон аз мавзуи фанни омӯхташаванда;
- татбиқи имкониятҳои фардӣ ва тавоноии хонандагон;
- назорати натиҷаи фаъолияти таълимии хонандагон аз фанҳои таълимӣ.

Дар қисмати дигар «Озмоиш ва таҷрибаи педагогӣ дар тағйир додани андешаронии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар доираи навсозии таҳсилот» мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Диққати асосӣ бештар ба тағйир додани сифати шахсияти омӯзгор, фаъолияти вай дар ҷараёни таълим равона шудааст, ки барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ омӯзгороне ҷалб карда мешаванд, ки дар самти технологияи таълим дониши баландро ноил бошанд, хонандагонро дарк намоянд, аз ҷиҳати сифатҳои шахсиятӣ бо онҳо кор бурда тавонанд ва намунаи ибрат бошанд.

Дар умум матни диссертатсияи Окимшоева Рухсора Суробовна ба қоидаҳои забони адабии тоҷикӣ ҷавобгӯ буда, бо меъёрҳои он комилан мутобиқат менамояд.

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни муҳтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба микдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ ва оммафаҳм навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман, ба рисола хулосаҳои возеҳу фаҳмо бароварда шудааст.

Дар фарҷоми рисола “Хулосаҳои умумӣ”, ки бозгуйи натиҷаи пажуҳиш аст, муҳаққиқ оид ба асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим афкору андешаҳои хешро ҷамъбаст менамояд.

**Сатҳи навгонии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯ, ки дар рисолаи илмӣ баён гардидаанд:**

1. Натиҷаҳои таҳқиқоти мо имкон медиҳанд таъкид намоем, ки таълими интерактивӣ вазифаҳои зеринро иҷро намоянд: инкишоф додани маҳорат ва малакаи муоширатӣ; барқарор намудани робитаҳои эҳсосотӣ байни хонандагон; таъмини вазифаҳои тарбиявӣ; кор кардан дар гурӯҳ; маҳорати ба андешаи дигарон гӯш додан.

Фарқиятҳои асосии машқҳои педагогии интерактивӣ ва супоришҳо аз он вобаста мебошад, ки на танҳо ба мустаҳкамкунии маводи

омӯхташуда, балки ба омӯзиши маводи нав хонанда бештар равона карда шавад.

2. Муайян карда шуд, ки хониши самаранок дар синфҳои ибтидоӣ худ аз худ дар тахтаи интерактивӣ рӯй намедиҳад. Ба омӯзгор интихоб намудани мавод барои дарс ва барои дар дараҷаи баланд гузаронидани корҳои мустақилона ниҳоят омодагии пухта дидан зарур мебошад. Таълими интерактивӣ ин шакли махсуси ташкили фаъолияти маърифатии хонандагон мебошад. Вай мақсадҳои пешгӯикунандаро дар назар дорад. Яке аз мақсадҳои асосии таълими фаъол аз муҳайё намудани шароити мусоиди таълим иборат мебошад, ки хонанда тавонад бобарории салоҳияти иҷтимоӣ ва муоширатии хешро дарк намояд.

3. Собит карда шуд, ки моҳияти таълими фаъол дар чунин шакли ташкили ҷараёни таълимие зоҳир мегардад, ки дар раванди он тамоми хонандагон ба ҷараёни маърифат фаро гирифта шаванд. Инчунин, онҳо имконият пайдо намоянд, ки матнро фаҳманд ва ба фаҳмидан одат пайдо намоянд.

4. Натиҷанокии дарс на аз рӯйи давомот, на аз рӯйи ҳаҷми маводи омӯхташуда, балки аз рӯйи фаъолияти таълимии хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад. Ба фаъолияти таълимии хонандагон, иқтидори онҳо ба фаъолият, қобилияти истифодабарии дониш, татбиқ намудани лоиҳаҳои шахсӣ, фаъолиятҳои иҷтимоӣ, инкишоф додани амалиётҳои универсалии таълимӣ дар дарс, ки истифодабарии технологияи интерактивиро барои гузаштан ба таълими интерактивӣ осон мегардонад, мансуб мебошанд.

5. Таҳқиқот собит сохт, ки дар заминаи таълими интерактивӣ малакаҳои коммуникативӣ мехобанд, ки ҳамкории миёни омӯзгор ва хонандагонро имконпазир мегардонад. Ҳамкории мазкур дар он ифода меёбад, ки субъектҳои раванди таълимро наздик мегардонад, имкони ҳалли якҷояи масъалаҳоро фароҳам меоварад, ворид гардидан ба фазои

ягонаи эҷодӣ имкон медиҳад, ба интихоби дастаҷамъонаи методҳои ҳалли масъала мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияхои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии дар Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, баргузор, ироа ва баррасӣ шуда, дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли 7 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 5 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Хулосаҳои муаллиф дар ҷамбасти рисола баёнгари лаёқати илмии ӯ буда, аз дорои қобилияти илмиву таҳқиқотӣ будани муаллиф дарак медиҳанд.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои зикршуда дар рисола баъзе нуқсонҳое ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо сифати илмии онро беҳтар хоҳанд намуд:

1. Муҳаққиқ дар масъалаи ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим мисолҳо оварда бошад ҳам, барои мукаммалтар намудан ва аз ҷиҳати равонӣ асоснок сохтани муҳтавои диссертатсия намунаҳои методҳои фаъоли таълими овардашуда нокифоя мебошанд. Агар аз ҷиҳати ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои равонии хонандагон низ мавзуъ амиқтар таҳқиқ мегардид, ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.

2. Дар рисола мавриди таҳлили адабиёти илмӣ ва методии олимони ватанию хориҷӣ мушкилоти ҷойдошта дар ҳамкории муассисаи таълимӣ бояд ба таври васеътар кушода дода мешуд.

3. Таҳқиқоти диссертатсионӣ фоидаовар хоҳад буд, агар аз ҷониби муҳаққиқ намунаи нақшаи дарсӣ бо истифодаи методҳои фаъоли таълим муфассалтар шарҳ дода мешуд. Ин ҷабҳаи амалии таҳқиқотро боз мукаммалтар мегардонид.

4. Дар баъзе саҳифаҳои кори диссертатсионӣ ва фишурдаи он ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад.

Норасоиҳои зикргардида ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба ҳеҷ ваҷҳ қиммати рисоларо коста нахоҳад кард. Арзиши илмӣ ва сатҳи пажуҳиши рисолаи таҳқиқотии анҷомпазируфта арзанда буда, мубрамии мавзуъ, навгониҳо, дастовардҳо ва дастуру пешниҳодҳои онро собит хоҳад кард.

ХУЛОСА

Диссертатсияи Окимшоева Рухсора Суробовна дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим” дар соҳаи назария ва таърихи педагогика ва усули таълим саҳми бориз дорад. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Окимшоева Рухсора Суробовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) арзанда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи психологияи Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода Ашурова Д.А.

12.12.2023

Имзои Д. А. Ашуроваро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

**Маълумот барои тамос:** 734019. ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Тел.: +992 907521252.